
Наримон Бақозода
Озода шав

## ХОҲӢ САЛОМАТ ШАВӢ

Хоҳӣ саломат шавӣ,
Хушқаду қомат шавӣ,
Рост шавӣ чун чинор -
Боқуввату бурдбор,

То ки ягон дарди сар
Бар ту насозад асар,
Рӯи ту гулгун шавад,
Донишат афзун шавад,

Дасти ту тиллю шавад,
Гуфтаат иҷро шавад,
Ӯҳдабарой кунӣ,
Роҳкушой кунӣ,

Гуфта диҳам чанд сир,
Нағз ба гӯшат бигир...





## ХАНДИДА ХЕЗ

Бо дасти рост
аз хоб агар
Хандида хезӣ
аз саҳар.
Бо нияти
неки кавӣ
Ҳам аз пайи
корат шавӣ,
Ҳар ниятат
иҷро шавад!
Сад банду бастат
во шавад!




## НАҚШАҲОИ ТАВАККАЛӢ

Сад нақша дар дил
Дорад Таваккал,
Сад кори мушкил
Дар дил кунад ҳал.

Андеша кардан
У метавонад,
Аз субҳ то шом
Андеша ронад!

Чун ӯ муродаш
Хосил намояд,
Чун дигаронро
Қоил намояд,

Аввал мулоим
Фикраш пазонад,
Биншаста доим
Андеша ронад.

Андеша ронад,
Андеша ронад,
Умраш равад, лек
Андеша монад.

## ЁРИ ТУ ҶАДВАЛ ШАВАД

Ёрат агар ҷадвал шавад,
Корат муратаб ҳал шавад.

Аз субҳидам то вақти шом
Ҳар ҳафта корат - бонизом.

Аз ҳафтаҳо маҳҳо шавад,
Ҳар нақшаат иҷро шавад!



## БО ДАНДОНШӮЯК
## ҶӮРА ШАВ



Дандон бишӯйӣ
Ҳар субҳу шоме,
Майли накӯйӣ
Созӣ мудоме.

Гардӣ ту беғам
Хушвақту хандон,
Бе дидаи нам
Бе дарди дандон!

## ТАЛХАК ДАНДОН НАШУСТАСТ



Талхак баровард
Дандонаш аз ёд,
Дандонаш омад
Охир ба фарёд:

«Моро нашуштӣ,
Моро ту куштӣ!
Бечонаке мо!
Лиққонаке мо!

Чун бели кӯҳна
Мо занг бастем,
Аз ҳамсуханҳо
Шарманда ҳастем!»



Дандон бишӯяд
Доим Мадина,
Аз ӯ биёяд
Бӯи пудина!



## ИШКАМПАҲЛАВОН

Миҷморуки варзишгурез,
Аз ҷогаҳи хобат нахез!

Бар об дастатро мазан!
Варзиш бидеҳ танҳо даҳан!

Ё машқ деҳ танҳо забон!
Гап те, бале, гап те калон!

Мавлон шуд охир паҳлавон,
Ҷавлон ҳам акнун - чемпион,

Аммо ту шин хаппу хамӯш
Ё ғелу танҳо гап фурӯш.

Ҳо, машқ деҳ танҳо забон,
Аз хӯрдану хобат намон.

Гӯянд: Мавлон - паҳлавон,
Ё ин ки: Ҷавлон - чемпион,

Аммо туро: Лаққӣ - забон!
Ё ин ки: Ишкампаҳлавон.

## ВАРЗИШ АГАР ОДАТ ШАВАД

Варзиши тан
Бар ту хуш одат шавад,
Ҷону танат
Соғу саломат шавад.

Рафту бувад
Варзиши тан меҳиатӣ,
Якташ худ
Карда тавонӣ саде.

Зӯри тану
Ҷони ту чандон шавад,
Рӯи хушат
Чун маҳи хандон шавад.
Дарду касал
Аз ту гурезон шавад,
Ҷисми ту чун
Русгами Дастон шавад.



## ОЗОДА ШАВ

Хоҳӣ, ки бошӣ дар назар
Дилкаш ту ҳам, ҷони акош,
Олуфта гаштан шарт не,
Озода шав! Озода бош!

Озодагӣ бошад чӣ сон?
Ин ҳафт расмашро бидон:



1. Покизапӯшок,
2. Покизанӯшок,
3. Покизадандон,
4. Покизаҷон,
5. Покизагуфтор,
6. Покизарафтор,
7. Покиза мағз!
   Покиза нағз.



## ОЛУФТАХОҶА

Олуфтабек - олуфта,
То нимарӯзӣ хуфта.
Не дасту рӯи шуста,
Не ҷои хоби рӯфта.
Дар кӯву кӯча бошад,
Олуфтахоҷа бошад,
Рӯи раҳ аз даҳонаш
Пӯчоқи писта пошад.
Не гуфтугӯи тоза,
Рафторҳои хоса!
Ҷои «салом алайкум» -
«Ку, носа те! Ку, носа!»
Дигар бувад чӣ гуна?
Намо худат хулоса!



## ДОНОНАМО

Донинамо шишт
Тори китобаш,
Бечора! Зӯр аст
Ранҷу азобаш.

Аз зӯри шиштан
Озурда гаштаст.
Хо, пушти шимаш
Ҳай хӯрда гаштаст.

Кай дониш аммо
Бар калла ояд?
Пеши дигарҳо
Доно намояд?

## БО ҶАҲДУ БО ИРОДА



Хонӣ ба вақти хониш,
Бозӣ ба вақти бозӣ,
Ҳам очаву дадоят,
Ҳам мактаб аз ту розӣ!

Бо кӯшишу иродат
Бинӣ рухи муродат!



## ХУДРО КУНОНӢ ОДАТ

Ҳар рӯз бо қироат
Худро кунонӣ одат,
Осон ба калла ояд
Дониш зи ҳар китобат.

Дониш - калиди тиллю,
То мушкилат кушояд,
Дар чорсӯи дунё
Роҳи ҳақат намояд.



## БА КАЛЛАИ ТУ - ҚОИЛ!

Зироат аз қироат
Намояд истироҳат.

Китобакаш нахонад,
Дигар кушода монад.

Ба сеюмӣ китобаш
Зи хона пашша ронад!

- Зироати навовар!
Ту қанд зан, бародар!

Ки бо ин ихтироят
Дигар нахонӣ бояд!

Нахон, нахон, нахоно!
Шавӣ нахонда доно!

Шавӣ нахонда оқил!
Ба каллаи ту - қоил!







## ОМӮЗ ҒАЙРАТ

Аз кордонон
Омӯз гайрат,
Бо корат олам
Овар ба ҳайрат.

Ноланда айб аст!
Созанда мебош!
Номи накӯро
Арзанда мебош!

Озодамардӣ!
Не рангзардӣ!
Мӯҳтоҷи нокас
Асло нагардӣ!

## МАЙМУН ШАВӢ АЗ ДИГАР



Маймун бигуфт: аҷдодам,
Аз меҳнаташ шуд одам!
Инро ту бояд донӣ -
Бо меҳнатат инсонӣ!

Бекора гардӣ, бингар,
Маймун шавӣ аз дигар.
Он гаҳ биё, э, хешам,
Ман ҷӯраҷонат мешам!

## ХУД БАР ХУДАТ ҚОИЛ ШАВӢ

Ҷадвал, ки ёрат мешавад,
Чун дастёрат мешавад.

Тартиби корат сар ба сар
Бар ёдат орад аз саҳар.

Нағзомади корат нигар -
Худро худат созӣ дигар.

Ҷун Одами созандакор
Ёбӣ ту қадру эътибор.

Бар ниятат ноил шавӣ,
Худ бар худат қоил шавӣ!



## ХЕШИ МАЙМУН

Маймун бигуфто: аз азал
Аҷдоди ман ҳархела буд,
Як хелаш аз кору ҷадал
Худро худаш одам намуд.
Бо ориятҳо хонду хонд,
Аз дигарон оқиб намонд.
Хели дигар чун ҷангалӣ,
Овораи маймунгарӣ,
Саргарм аз хӯрокхӯрӣ,
Арғушту арғунчакпарӣ.
Беҳуда умраш бигзаронд,
Одамнамо маймун бимонд!
Ман гарчи аз одамнамо,
Бингар ба ин давронамо:
Пул дода одам бояде
Маро тамошо ояде!
Ҳам дар қафас ӯ баҳри ман,
Аз Африқо орад банан!

## ҲАДЯ БА МОҲӢ

Хӯтукча гуфт: -Э, моҳӣ!
Озодагӣ мехоҳӣ?
Аз баҳри шустушӯят
Овардам ин пагоҳӣ:

Ин оби софи анҳор,
Маҳ, дастпоки ғулдор!

Ин чӯтка – дандоншӯяк!
Ин собуни хушбӯяк!

Ин чӯтка баҳри сум аст,
Ин шона баҳри дум аст...

Моҳӣ бихандид: - Ин кор
Аз баҳри ман чӣ даркор?

О, ман магар дар хокам,
Бешустушӯ ҳам покам!





## ҲАММОМИ КУРРА

Шуд дар оғил ҳангу ҳанг,
Доду вою тӯпаланг.

-Шустушӯ даркор не!
Ман ба собун зор не!

Оби гармат, - ҳангу ҳанг!
Кард манро саргаранг!
Ғанда собун баҳри ман,
Шона орад қаҳри ман!

Каллаи ман хом не!
Бар ман ин ҳаммом не!

Курра охир номи ман!
Хоки раҳ – ҳаммоми ман!

Ғел дар хоки маҳин,
Мезанам очам барин!